# ХУЛОСАИ
# ШУРОИ ДИССЕРТАТСИОНИИ 6D.КОА-014 НАЗДИ ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ МОЛИЯ ВА ИҚТИСОДИ ТОҶИКИСТОН БАРОИ ДАРЁФТИ ДАРАҶАИ ИЛМИИ НОМЗАДИ ИЛМҲОИ ИҚТИСОДӢ

**Парвандаи аттестатсионии №_______________**
**Қарори шурои диссертатсионӣ аз 15.09.2023, №23**

Барои сазовор донистани Халифазода Ҷовидон Бобохон, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.03 - Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ.

Диссертатсияи Халифазода Ҷовидон Бобохон дар мавзуи «Арзёбии самаранокии кластерҳои агросаноатӣ дар минтақа (дар мисоли кластерҳои пахтаи минтақаи Хатлон)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.03 - Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ санаи 31 майи 2023, дар асоси хулосаи мусбати комиссияи экспертӣ барои ҳимоя қабул карда шуд, суратмаҷлиси №34 Шурои диссертатсионии 6D.КОА-014 назди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон (Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734067, ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов 64/14), ки он дар асоси фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 07 январи соли 2022, таҳти №13/шд таъсис дода шудааст.

Довталаби дараҷаи илмӣ Халифазода Ҷовидон Бобохон шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон, 10-уми сентябри соли 1997 дар ноҳияи Восеъ таваллуд шудааст. Мавсуф соли 2018 ихтисоси суғуртаи Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистонро бо дипломи аъло (бакалавр) ва соли 2020 ихтисоси андоз ва андозбандии донишгоҳи мазкурро бо дипломи аъло (магистратура) хатм намудааст. Давоми солҳои 2020-2023 унвонҷӯйи кафедраи иқтисоди корхонаҳо ва соҳибкории Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон маҳсуб меёфт.

Номбурда солҳои 2018-2019 – оператор-ҳуҷҷатнигори факултети иқтисод ва бизнеси Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон ва солҳои 2019-2022 ба ҳайси эдвайзер оид ба тарбияи факултети иқтисод ва бизнеси донишгоҳи мазкур фаъолият намудааст. Аз моҳи августи соли 2022 то ҳол сардори шуъбаи кор бо ҷавонон ва ҳамзамон ассистенти кафедраи суғуртаи Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон мебошад.

Мавзуи таҳқиқоти диссертатсионии Халифазода Ҷовидон Бобохон дар ҷаласаи шурои олимони Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон таҳти суратҷаласаи №5/5.15 аз 29-уми декабри соли 2020 тасдиқ шудааст.

Диссертатсия дар кафедраи иқтисоди корхонаҳо ва соҳибкории Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон иҷро шудааст.

**Роҳбари илмӣ:**

**Давлатзода Қудрат Қамбар** - доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, ректори Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ

**Муқарризони расмӣ:**

**Ашуров Ихтиёр Саидович** - доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи молия ва қарзи Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон;

**Маҳмадизода Файзали Бачабек** - номзади илмҳои иқтисодӣ, мудири шуъбаи таҷрибаомӯзӣ ва рушди касбияти Донишгоҳи миллии Тоҷикистон;

**Муассисаи пешбар** - Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур дар тақризи мусбати худ, ки аз ҷониби номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи молия ва қарз дар КАС, декани факултети иқтисодӣ Олимов А.Х. таҳия гардида, дар ҷаласаи кафедраи молия ва қарз дар КАС баррасӣ ва муҳокима карда шуда (суратҷаласаи №11, аз 24.06.2023с.), аз ҷониби ректори Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур, доктори илмҳои кишоварзӣ, профессор Маҳмадёрзода Усмон Маъруф тасдиқ шудааст, хулосаи мусбат додааст.

Дар тақриз хулоса бароварда шудааст, ки диссертатсияи Халифазода Ҷовидон Бобохон дар мавзуи «Арзёбии самаранокии кластерҳои агросаноатӣ дар минтақа (дар мисоли кластерҳои пахтаи минтақаи Хатлон)», кори илмию таҳқиқотии мустақилона баитмомрасида дониста шуда, ба талаботи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои рисолаҳои номзадӣ аз рӯйи ихтисос, ки бо “Низомномаи шурои диссертатсионӣ” ва “Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ” муқаррар шуда ва бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он Халифазода Ҷовидон Бобохон барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.03- Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ сазовор мебошад. Автореферат ва корҳои илмии нашршудаи довталаби дараҷаи илмӣ пурра мундариҷаи асосии диссертатсияро инъикос менамояд.

Дар хулосаи мусбат қайд шудааст, ки довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ оид ба мавзуи диссертатсия 11 интишороти илмӣ, аз ҷумла 6 мақола дар маҷаллаҳои тақризшаванда дорад.

**Феҳристи корҳои чопшудаи муаллиф доир ба мавзуи диссертатсия**

**Мақолаҳо дар маҷаллаҳои тақризшаванда:**

[1-М]. Халифазода, Ҷ.Б. Ҷанбаҳои назариявӣ ва хусусиятҳои соҳавию минтақавии ташаккулёбии кластерҳои агросаноатӣ [Матн] / Ҷ.Б.Халифазода // Паёми молия ва иқтисод. – Душанбе. - 2021. – №1. – (25) – С. 178-183. ISSN 2663-0389.

[2-М]. Халифазода, Ҷ.Б. Кластерҳои агросаноатӣ дар минтақа: баъзе ҷанбаҳои методологии ташаккулёбӣ ва рушди онҳо [Матн] / Ҷ.Б.Халифазода // Идоракунии давлатӣ. – Душанбе. - 2021. – №4/2. – (54) – С. 160-167. ISSN 2709-8567.

[3-М]. Халифазода, Ҷ.Б. Таҷрибаи хориҷӣ оид ба ташаккул ва рушди кластерҳои агросаноатӣ дар минтақа [Матн] / Қ.Қ.Давлатзода, Ҷ.Б.Халифазода // Паёми политехникӣ. – Душанбе. - 2021. – №3. – (55) – С. 88-93. ISSN 2520-2235.

[4-М]. Халифазода, Ҷ.Б. Муаммоҳои ташаккулёбӣ ва роҳҳои рушди кластерҳои агросаноатӣ дар шароити минтақа [Матн] / Ҷ.Б.Халифазода // Паёми молия ва иқтисод. – Душанбе. - 2022. – №1. – (30) – С. 245-252. ISSN 2663-0389.

[5-М]. Халифазода, Ҷ.Б. Рушди кластеркунонии соҳаҳои комплекси агросаноатӣ дар вилояти Хатлон [Матн] /Ҷ.Б.Халифазода, М.Х. Халифаева // Паёми молия ва иқтисод. – Душанбе. - 2022. – № 3 (32). - С. 229-237. ISSN 2663-0389.

[6-М]. Халифазода, Ҷ.Б. Фаъолгардонии ҷалби сармояҳо ба рушди кластерҳои пахтакорӣ дар минтақа [Матн] /Э.Н.Шералиев, Ҷ.Б.Халифазода // Идоракунии давлатӣ. – Душанбе. - 2022. - № 4-1 (58). - С.116-123. ISSN 2709-8567.

**Дар дигар нашрияҳо:**

[7-М]. Халифазода, Ҷ.Б. Кластерҳои агросаноатӣ дар минтақа: принсипҳои рушд ва функсияҳои асосии онҳо [Матн] / Ҷ.Б.Халифазода // Маводи конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ дар мавзуи «Идоракунии зиддибуҳронӣ: таҳлил, баррасӣ ва ҷустуҷӯи механизмҳои бартарафсозии он” (Душанбе, 25-26-уми ноябри соли 2021). – Душанбе 2021.- АИДНПҶТ. С- 423-432.

[8-М]. Халифазода, Ҷ.Б. Кластерҳои агросаноатӣ: муаммоҳои ташаккулёбӣ ва роҳҳои рушди онҳо [Матн] / Ҷ.Б.Халифазода // Маводи конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ дар мавзуи «Тоҷикистон дар низоми муосири муносибатҳои молиявӣ-қарзии байналхалқӣ”, (Душанбе, 26-уми ноябри соли 2021). - ДДМИТ.-2021. С-305-310.

[9-М]. Халифазода, Ҷ.Б. Самаранокии алоқаҳои кооператсия ва ҳамгироӣ дар рушди кластерҳои агросаноатӣ [Матн] / Ҷ.Б.Халифазода, Н.Қ. Бобошерзода // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ дар мавзӯи “Рушди менеҷменти инноватсионӣ ва нақши он дар татбиқи ҳадафҳои стратегии кишвар” бахшида ба 30-солагии Иҷлосияи тақдирсоз (ш. Душанбе 29-уми октябри соли 2022, ДДМИТ). Душанбе.-2022.- С-143-148.

[10-М]. Халифазода, Ҷ.Б. Ҳолати кунунии рушди соҳаҳои комплекси агросаноатӣ дар вилояти Хатлон [Матн] / Ҷ.Б.Халифазода // Маводи конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ бахшида ба Рӯзи кормандони мақомоти андоз дар мавзуи «Низоми андози Ҷумҳурии Тоҷикистон ва таъсири он ба инкишофи иқтисодиёти миллӣ: воқеият ва дурнамо” (Душанбе, 7-уми майи соли 2022, ДДМИТ) Душанбе.-2022.- С-250-258.

[11-М]. Халифазода, Дж.Б. Оценка эффективности производственной интеграции и кооперации в системе агропромышленных кластеров [Текст]

/Дж.Б.Халифазода // Endless Light in Science. - Международный научный журнал, г.Алматы. – 2022. - С-144-149.

**Ба диссертатсия ва автореферат тақризҳо ворид шуданд:**

**1. Қаюмов Н.Қ. - доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, академики Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон бо чунин эрод:**

1. Дар баробари муваффақиятҳои муҳимми автореферат, ҳамзамон хубтар мешуд, агар муалллиф ба нуқтаи зерин низ аҳамият медод: расми 3-и дар автореферат овардашуда (с.15) ки сухан сари масъалаи принсипҳо ва функсияҳои асосии ташаккули кластерҳои пахта дар минтақаҳои агросаноатии кишвар меравад метавонист ҳалли пурраи худро ёбад, агар муаллиф ҳамзамон самаранокии рушди устувори минтақаро бо назардошти самара (натиҷа)-и сетарафа, яъне ҳам иқтисодӣ, ҳам экологӣ ва ҳам иҷтимоӣ, ки айнан дар сутунчаи охир сари он сухан меравад, асоснок ва муайян менамуд.

**2. Қодиров А.Л. - доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи идоракунии иқтисодиёт ва маркетинги ДДХ ба номи академик Б. Ғафуров бо чунин эродҳо:**

1. Дар автореферат ба масъалаи рушди инноватсионии кластерҳои пахта, яъне занҷираи истеҳсолӣ камтар маълумот дода шудааст ва агар он васеътар мавриди омӯзиш қарор дода мешуд, сифати корро боз ҳам баланд мебардошт.

2. Дар автореферат маълумот оид ба истифодашудаи усул ва амсилаҳои кластерӣ оварда нашудааст.

**3. Раҷабов Р.К. - доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи фаъолияти гумрукии Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон бо чунин эрод:**

1. Дар қатори бартариятҳои дар автореферат овардашуда хубтар мешуд, агар муаллиф омӯзиши ҷанбаҳои назариявии ташаккули кластерҳои пахта дар шароити минтақаҳои агросаноатӣ ҷиҳати истифодаи таҷрибаи хориҷӣ дар шароити Тоҷикистон пешниҳодҳои мухталифро нишон медод. Инчунин дар автореферат на ҳама паҳлуҳои баланд бардоштани самаранокии кластерҳои пахта дар минтақаи Хатлон оварда баҳод дода шудаанд.

**4. Асрорзода У.С. - доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, Ректори Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон бо чунин эрод:**

1. Хуб мешуд, ки муаллиф дар ҷанбаҳои назариявӣ ва хусусиятҳои соҳавӣ-минтақавии ташаккули кластерҳои агросаноатӣ ба масъалаи шуғли пурраи аҳолӣ, бахусус, музди меҳнати кормандон бештар диққат медод, сифату арзиши рисолаи мазкур боз ҳам баландтар мешуд.

**5. Сатторов А.А. - номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, декани факултети иқтисодиёт ва молияи Донишгоҳи технологии Тоҷикистон бо чунин эрод:**

1.Дар автореферат хулосаву тавсияҳо ба таври фишурда оварда шудааст. Хуб мешуд, ки дисертатнт онҳоро ба таври васеъ баён менамуд.

Ҳамаи тақризҳо мусбат буда, қисме аз эродҳо хусусияти тавсиявӣ доранд.

**Интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар асоснок карда мешаванд:** интихоби муқарризони расмӣ бо пешниҳоди комиссияи ташхисии шурои диссертатсионӣ, инчунин бо мавҷудияти салоҳият ва мавқеи устувор дар доираи таҳқиқи масъалаҳои самаранокии кластерҳои агросаноатӣ, алалхусус кластерҳои пахта, мавҷудияти интишорот дар соҳаи мазкур ва қобилияти баҳодиҳӣ ба аҳаммияти илмию назариявии диссертатсия, ҳамчунин бо розигии шахсӣ барои пешниҳоди тақриз асоснок шудааст; интихоби муассисаи пешбар бо он асоснок карда шудааст, ки Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур дар самти илми дахлдор шинохташуда буда, қодир аст, ки арзиши илмӣ ва амалии диссертатсияро муайян намояд.

**Шурои диссертатсионӣ қайд мекунад, ки аз тарафи довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар асоси иҷро кардани таҳқиқоти илмӣ:**

- ***консепсияи*** ташаккули кластерҳои пахта дар минтақаҳои агросаноатӣ ҳамчун яке аз самтҳои асосии сиёсати иқтисодии минтақавӣ дар заминаи нигоҳ доштан ва инкишоф додани базаи моддӣ-техникии саноатӣ, коркард, нигоҳдорӣ ва фурӯши маҳсулотҳои агросаноатӣ ва дар ин асос, таъмини рақобатпазирии занҷираи истеҳсолии маҳсулоти нассоҷиву дӯзандагӣ ***пешниҳод шудааст***, ки ба баланд бардоштани самаранокии соҳаҳои комплекси агросаноатӣ ва рушди соҳаи кишоварзӣ мусоидат менамояд;

- ***принсипҳои*** сохтори ташкилӣ-истеҳсолӣ ва инноватсионӣ-технологии ташаккули кластерҳои пахта ***пешниҳод шудааст***, ки он дар ҳамгирой бо соҳаҳои комплекси агросаноатӣ, муттаҳидсозии корхонаҳои занҷираи истеҳсолӣ, самаранок фаъолият намудани соҳаи кишоварзӣ ва корхонаю ташкилотҳои хизматрасонӣ, таъмини рақобати софи онҳо, ҳавасмандии молиявӣ-иқтисодӣ ва баланд бардоштани сифати молу маҳсулотҳои агросаноатиро таъмин менамояд;

- ***омилҳои асосии иқтисодӣ:*** зиёд намудани ҳаҷми истеҳсоли маҳсулотҳои агросаноатӣ, ҷалби сармояҳо, дастгирии молиявӣ, самаранокии синергӣ; ***иҷтимоӣ:*** ташкили муҳити хуби корӣ; шумораи зиёди корхонаҳои занҷираи истеҳсолӣ, ҷалби бештари захираҳои меҳнатӣ, ташкили ҷойҳои нави корӣ, рушди инфрасохтори бозорӣ дар минтақа; ***ташкилӣ-хоҷагидорӣ***: такмили базаи моддӣ-техникӣ, рушди инноватсионии парвариши пахта, рушди муносибатҳои ҳамгирой ва кооператсия дар минтақаҳои агросаноатӣ илман ***асоснок ва пешниҳод шудаанд***.

**Аҳаммияти назариявии таҳқиқоти мазкур бо он асоснок карда мешавад, ки дар он:**

- ***фарзияи асили илмие*** пешниҳод шудааст, ки дар сурати ташаккули кластерҳои пахта дар минтақаҳои агросаноатӣ, истифодаи муносибатҳои нави

кооператсионӣ ва ҳамгироии соҳаҳои комплекси агросаноатӣ, самаранокии иштирокчиёни занҷираи он, ба афзоиши маҳсулоти ниҳоӣ ва беҳтар намудани вазъи молиявии иштирокчиёни кластери мазкур ноил гардидан мумкин аст.

- ***бартариятҳои рақобатии*** кластерҳои пахта дар комплекси агросаноатӣ ва имкониятҳои иқтисодии корхонаҳои занҷираи истеҳсолӣ, баланд бардоштани ҳосилнокӣ ва зиёд намудани ҳаҷми истеҳсоли пахта, коркарди саноатии он, ҷалби сармояҳо ба ташаккули кластери мазкур ва дар ин замина рушди минтақа ***исбот шудааст***.

- ***исбот шудааст,*** ки ташаккули кластерҳои пахта, ҳам аз рӯйи мавқеи назариявӣ ва амалӣ барои ташаккули кластерҳои агросаноатии минтақавӣ, беҳтар намудани сатҳу сифати зиндагии аҳолӣ, таъмини ҷойҳои нави корӣ ва шуғли пурмаҳсули аҳолӣ дар минтақаҳои ҷумҳурӣ мусоидат мекунанд.

- ***самтҳои асосии*** ташаккули кластерҳои пахта дар минтақаҳои агросаноатӣ пешниҳод шудааст, ки мақсади ниҳоии онҳо баланд бардоштани самаранокии иқтисодии соҳаи пахтакорӣ дар вилояти Хатлон, беҳтар кардани сатҳу сифати зиндагии аҳолӣ ва таъмини рушди устувори иқтисодӣ-иҷтимоии минтақаи агросаноатӣ мебошад.

**Вобаста ба масъалагузории дар диссертатсия ҷойдошта:**

- ***ғояи ташаккули*** муносибатҳои кластерӣ дар шароити муносибатҳои нави иқтисодӣ дар заминаи асоснокнамоии ҷанбаҳои назариявӣ-амалии хусусиятҳои хоси минтақавӣ, баланд бардоштани самаранокии синергии иштирокчиёни занҷираи истеҳсолии он ***таҳия ва пешниҳод шудааст***.

- ***методикаи муайян*** намудани самаранокии рушди соҳаи кишоварзӣ ва фурӯши маҳсулотҳои агросаноатӣ бо истифода аз механизмҳои ҳавасмандгардонии молиявии ташаккули кластерҳои пахта, ки ба беҳбудии вазъи иҷтимоӣ-иқтисодии аҳолии минтақа мусоидат менамояд, таҳия ва асоснок карда шудааст.

- ***роҳҳои дастгирии давлатии*** ташаккули кластерҳои пахта дар шароити минтақаҳои агросаноатӣ бо истифода аз механизму фишангҳои таъсиррасони маъмурӣ-ҳуқуқӣ, иқтисодӣ-экологӣ ва роҳҳои ҳал ва такмили онҳо ***пешниҳод шудааст.***

**Аҳамияти натиҷаҳои бадастовардаи довталаби дараҷаи илмӣ дар амалия чунин тасдиқ карда мешавад, ки:**

- ***муқаррароти*** бунёдии назарияи ташаккули кластерҳои пахта, асарҳои олимон -иқтисодшиносони ватанию хориҷӣ оид ба муносибатҳои кооператсия ва ҳамгироӣ дар минтақа, таҳлилу таҳқиқ гардида, амалӣ намудани пешниҳодҳо ва тавсияҳо метавонанд боиси беҳбудӣ дар фаъолияти корхонаҳои занҷираи истеҳсолии корхонаю ташкилотҳо дар минтақаҳои агросаноатӣ гарданд;

- ***татбиқи амалии*** натиҷаҳои диссертатсия барои ташакули кластерҳои пахта дар минтақаҳои агросаноатӣ дар вилояти Хатлон бо таваҷҷуҳ ба зиёд

шудани ҳаҷми маҳсулотҳои агросаноатӣ ва таъмини бозори маҳсулотҳои нассоҷиву дӯзандагӣ ва беҳдошти вазъи зиндагии аҳолӣ ***мусоидат менамояд***;

- ***механизми дастгирии*** давлатии кластерҳои пахта дар минтақа барои таъмини аҳолӣ бо маҳсулоти агроозуқаворӣ ва саноатӣ бо ашёи хом ***таҳия ва пешниҳод шудааст,*** ки ба татбиқи амалии чораҳои дастҷамъона дар ташаккули кластерҳои пахта ва тамоми комплекси агросаноатӣ мусоидат намуда, дар таъмини рушди устувори иқтисодӣ-иҷтиомии минтақа ***саҳмгузор хоҳад буд;***

- ***аҳамияти назариявии*** таҳқиқоти илмии анҷомдодшуда аз он иборат аст, ки он ба самаранокии муносибатҳои кооперативӣ ва ҳамгироӣ ва корхонаҳои занҷираи истеҳсолӣ он дар минтақаҳои агросаноатии вилояти Хатлон равона гардида, амалӣ намудани пешниҳодҳои мазкур дар асоси натиҷаҳои таҳқиқот имкон медиҳад, ки самаранокии соҳаи кишоварзӣ ва корхонаҳои иштирокчиёни кластери пахта баланд бардошта шаванд;

- ***натиҷаҳои таҳқиқот*** метавонад, ҳангоми таҳияи барномаҳои давлатӣ ва минтақавӣ, аз ҷумла дар рушди корхонаҳои кластерҳои пахтаи агросаноатӣ, самаранокии синергии корхонаҳои занҷираи истеҳсолӣ ва рушди минтақа дар маҷмуъ ***истифода шаванд***.

**Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ нишон доданд, ки:**

- ***ғояи илман*** асоснок дар пояи таҳқиқотҳои олимони соҳаи иқтисодиёт, омӯзиши асарҳои олимони ватаниву хориҷӣ бо таваҷҷуҳ ба ташаккули кластерҳои пахта дар минтақаҳои агросаноатӣ ***пешниҳод гардидааст,*** ки дар шакли нуқтаи назари муаллиф оид ба мафҳуми “самаранокии кластерҳои пахта” муайян гардида, аз нигоҳи илмӣ ҳамчун низоми махсуси фаъолияти хоҷагидорӣ барои рушди соҳаи кишоварзӣ, истеҳсоли ҳарчи зиёди маҳсулотҳои ниҳоии агросаноатӣ ва вазъи иҷтимоӣ-иқтисодии минтақаҳои агросаноатӣ хизмат менамояд;

- ***консепсияи таъмини*** ташаккули кластерҳои пахта дар минтақаҳои агросаноатӣ пешниҳод шудааст, ки он ба рушди фаъолияти соҳибкорӣ мусоидат намуда, талаботи бозори озуқаворӣ ва саноатӣ таъмин менамояд, ки он аз омилҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ, табиӣ-иқлимӣ ва технологӣ-истеҳсолиро дар минтақа таъмин менамояд;

- ***равиши*** самараноки муносибатҳои ҳамгироӣ ва кооператсияи истеҳсолот, истеҳсол ва истифодаи технологияҳои пешқадами парвариши зироатҳои кишоварзӣ тавсия дода шудааст, ки он ба иқтидори захиравӣ-табиӣ, ташаккули кластерҳои пахта, таъмини ашёи хоми саноатӣ, истеҳсол, коркард ва фурӯши маҳсулоти агросаноатӣ ва то ба истеъмолкунандаи ниҳоӣ расонидани он мусоидат менамояд;

- ***низоми пешниҳодшудаи*** ташкилӣ-хоҷагидории корхонаю ташкилотҳои агросаноатӣ, истеҳсолкунандагон, таъминкунандагон ва харидоронро барои ташкили махсусгардонии истеҳсолот, кооператсия ва ҳамгироӣ бо ҳам мепайвандад, ки боиси идораи самараноки истеҳсолот, зиёдшавии шумораи

андозсупорандагон, ташкили ҷойҳои нави корӣ, рушди тиҷорати муштарак ва бозсозии сохтории минбаъдаи иқтисодиёти минтақа мегардад;

- ***татбиқи*** самтҳои асосии баланд бардоштани самаранокии кластерҳои пахта дар минтақаҳои агросаноатӣ ба зиёд гардидани ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти агросаноатӣ, рушди инноватсионии корхонаҳои кишоварзӣ ва коркарди саноатӣ, беҳтар шудани сатҳу сифати зиндагии аҳолӣ ва таъмини рушди устувори минтақа мусоидат менамояд.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар он зоҳир мегардад, ки:**

- ҳамаи давраҳои иҷрои нақшаи кори диссертатсионӣ, интихоби мавзуъ, асосноксозӣ, мақсад, вазифаҳо, мубрамият ва аҳммамиятнокии он аз ҷониби диссертант иҷро гардидааст.

- тавсияҳои кори илмӣ метавонанд ҳангоми татбиқи сиёсати кластерикунонии минтақаҳо ва шаклҳои пешқадами муносибатҳои ҳамгироӣ ва кооператсияи истеҳсолот дар минтақаҳои агросаноатӣ истифода бурда шуда, ба ҷорӣ намудани шаклҳои нави кластерҳои пахта ва корхонаю ташкилотҳои он, самаранокии синергии занҷираи мазкур мусоидат намоянд;

- дар омода ва нашр кардани рисолаи илмӣ 11 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 6 - тои он дар маҷаллаҳои тақризшавандаи шомили феҳристи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон интишор гардидааст, ки ҳаҷми умумии онҳо 4,6 ҷузъи чопиро ташкил медиҳад;

Дар маҷлиси Шурои диссертатсионии 6D.КОА-014 аз санаи 15.09.2023 қарори сазовор донистани Халифазода Ҷовидон Бобохон ба дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисод аз рӯйи ихтисоси 08.00.03 - Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ қабул карда шуд.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар шурои диссертатсионӣ 14 нафар иштирок доштанд, аз ҷумла мутахассисон 5 нафар аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда. Аз 14 нафар аъзои шурои диссертатсионии дар ҷаласа иштирокдошта овоз доданд: ба тарафдории додани дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисод аз рӯйи ихтисоси 08.00.03 - Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ) тарафдор - 14 нафар, муқобил - нест, бетараф - нест, бюллетенҳои беэътибор нест.

**Раиси шурои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор** **Фақеров Ҳ.Н.**

**Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,**
**номзади илмҳои иқтисодӣ** **Убайдуллоев Ф.К.**

**15 сентябри соли 2023.**